**Баргузории хониши сиёсӣ вобаста ба дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар Пажуҳишгоҳ рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Санаи 9 апрели соли ҷорӣ дар Пажуҳишгоҳ рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тибқи нақша чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки маъмурият ва кормандони илмии раёсат ва шуъбаҳо хониши сиёсӣ гузаронида шуд. Тибқи нақшаи тасдиқшуда, дар ҳамоиши сиёсии навбатӣ сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ Имомназаров Давлатназар дар мавзуъи "Дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат оид ба мутобиқсозии мазмуни таҳсилот ба талаботи замони муосир" ва ходими пешбари илм Бӯриев Бахтиёр дар мавзуъи "Милликунонии мазмуни таҳсилот: китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмӣ-методӣ дар мисоли фанни математика" маъруза пешниҳод намуда, хозиринро оид ба ҳидоятҳои Пешвои миллат роҷеъ ба мазмуни китобҳои дарсӣ ва афкори педагогии мутафаккирони илми дақиқ шинос намуданд.

Дар хотима вобаста ба мавзуҳои болозикр баҳсу мунозираҳо баргузор гардид.













